**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи Славянии**
**Россия ва Тоҷикистон**
**д.и.ф. профессор ____________ Салихов Н.Н.**
**«____» ________________ 2020с.**

# ТАҚРИЗИ

**Муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Абдуллозода Фарҳод Нусратулло дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Фарҳод Нусратулло бо мазмун ва моҳияти худ чун таҳқиқоти илмии комил ва анҷомёфта ба шумор рафта, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми таърихи давлат ва ҳуқуқ, яъне махсусиятҳои инкишофи Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия дар даврони шӯравӣ ва пасошӯравӣ бахшида шудааст.

**Давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил** аз лиҳозӣ ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо ҳам шабеҳ буда, вобаста ба ташаккул ва инкишофёбӣ, таърихан иртиботи зич доранд. Мақомоти судӣ ҳамчун қисми таркибии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар давлатҳои собиқ шӯравӣ марҳилаҳои рушдёбии худро доро буда, моҳиятан дар шакли монанд инкишоф ёфтаанд. Хусусан, таҳаввули мақомоти судӣ дар Тоҷикистон ва Россия даврахои ҳаммонандро паси сар намудаанд, ки давра ба давра тағйирёбии низом ва сохтор карданд. Бо ҳамин мазмун, таҳлили ташаккул ва инкишофи рушди мақомоти судӣ, хусусан мақомоти олии судӣ дар доираи илми ҳуқуқшиносӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам ва муҳим ба шумор рафта, дарки моҳияти он ба коркарди пешниҳодхо ва тавсияҳои илман асоснок ба дурнамои рушди он равона мегардад. Чуноне муаллифи рисола дуруст қайд намудааст,

моҳияти ташкили низоми ҳокимияти судӣ дар мисоли судҳои марҳилаи олӣ дар шароити муосир аз бисёр ҷиҳат ба таҳқиқи сарчашмаҳои умумии ташаккулёбии онҳо асос меёбад. Барои таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи ҳокимияти судӣ ва дурнамои рушди он дар баробари усулҳои ба як шакл даровардашудаи таҳқиқи институтҳои ҷудогонаи ҳуқуқӣ ва падидаҳо дар соҳаи ҳуқуқ, инчунин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаҳои ба ҳамин монанди соҳаи ҳуқуқ дар фазои як оилаи ҳуқуқӣ ва ё низоми ҳуқуқ дар умум маҳсулнок ва натиҷабахш арзёбӣ мегардад. Дарки моҳияти ташкили мақомоти олии судӣ дар шароити муосир таҳлили мукаммал, таҳқиқи бунёдӣ ва муносибати таърихнигоронаро ба раванди ташаккул ва рушди низоми судҳо дар ҳудуди давлатҳои ҷудогона ва давлатҳои таърихи умумидоштаро дар мисоли Тоҷикистон ва Россия, тақозо менамояд. Барои иҷрои вазифаи гузошташуда мувофиқи мақсад аст, ки марҳилаҳои асосии таърихии рушди мақомоти олӣ дар низоми судии Тоҷикистон ва Россия мавриди таҳқиқот қарор дода шаванд. Ҳамин тариқ, мавзӯи интихобгардидаи таҳқиқбаранда дар шароити муосир ба таҳлил ва баррасии амиқи илмӣ ниёз дорад, ки аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудааст.

Он мақсаду вазифаҳое, ки дар назди муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ гузаошта шуда буд, комилан амалӣ гардидаанд. Чунончи, дар доираи таҳқиқоти мазкур танзими ҳуқуқии таъсисёбӣ ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар қаламрави Тоҷикистон ва Россияи шӯравӣ, баррасии махсусиятҳои раванди таърихӣ-ҳуқуқии бунёди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар давраи пасошӯравӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии мақом, функсияҳо ва ташаккули Суди Олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, принсипҳои ташкил ва фаъолияти онҳо, ошкорнамоии айният ва фарқияти ваколатҳои Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

Федератсияи Россия ва муайяннамоии дурнамои рушди онҳо ба роҳ монда шудааст.

Бинобар ҳамин, мақсаду вазифаҳои гузошташуда ба мазмун ва сохтори масъалаи таҳқиқгардида мувофиқ буда, таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқ ба онҳо сурат гирифтааст.

**Асосҳои методологии рисоларо** усулҳои умуми илмӣ ва махсуси илмӣ (диалектика, расмӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, таҳлил, синтез ва ғ.) ташкил медиҳад. Аз мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бар меояд, ки таҳлил дар заминаи усули таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ сурат гирифтааст, муаллиф онҳоро дар таҳқиқот ба таври самаранок истифода намудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** адабиётҳои муҳаққиқон ва олимони ватанию хориҷӣ, хусусан олимони Федератсияи Россия, ба монанди Г.С. Азизқулова, И.Б. Буриев, А.Я. Вишинский, Р.С. Гимпелевич, К.Ф. Гутсенко, В.В. Грибеников, З. Муқимов, Х.М. Ғафуров, З.Ҳ. Искандаров, М.Н. Марченко, С.П. Салников, Ф.Т. Тоҳиров, В.М. Лебедев, И.Р. Шодиев, А.Ғ. Холиқзода ва ғ. ташкил медиҳанд, ки сифати илмии рисоларо устувор намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро** нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ташкил медиҳад, ки натиҷаи таҳлил ва таҳқиқоти пурсамари муаллифи рисола мебошад. Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқоти мазкур, яъне махсусиятҳои ташаккули Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия яке аз аввалин таҳқиқотҳои илмӣ дар заминаи усули таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷониби таҳқиқбаранда дар сатҳи баланд ба анҷом расонида шудааст.

**Сохтори рисола** бошад, аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса ва номгӯи адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад, ки тарзи саволгузории он мувофиқ ба масъалаи баррасишаванда аст.

Боби аввали таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи «Сарчашмаҳои умумии ташаккул ва хусусиятҳои рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар доираи он масоилҳои

таъсис ва марҳилаҳои асосии рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия, ташкил ва фаъолияти Судҳои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Федеративии Россия дар ҳайати давлати шӯравӣ, ташаккулёбӣ ва фаъолияти Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар шароити давлатҳои соҳибихтиёр таҳлил гардидааст. Боби мазкур ба пуррагӣ ҷанбаи таърихӣ-ҳуқуқӣ дошта, заминаҳо ва марҳилаҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россияро дар давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ муайян намудааст. Дар иртибот бо ин, муаллиф қайд намудааст, ки бо мақсади омӯзиши боз ҳам комплексии сарчашмаҳои ташаккули ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фарогирии ҳамаҷонибаи вазъ ва дурнамои рушди ҳокимияти судӣ аз нигоҳи таърих ва замони муосир гузаронидани таҳқиқотро аз нуқтаи назари муносибати таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мувофиқи мақсад мешуморем. Инкор нахоҳем кард, ки чунин муносибати махсус ҳам дар парадигмаҳои анъаноти ташаккулёфтаи таърих ва назарияи ҳуқуқ, инчунин дар доираи мавзӯи пешниҳодгардида масоилу мушкилоти худро дорад, ки барои муҳаққик вазъиятҳои зиёдеро пургиреҳ эҷод менамояд. Ҳамчунин, дар иртибот бо зарурияти таҳлили заминаҳо ва марҳилаҳои ташаккули Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин баён намудааст, ки таҳқиқи ҳокимияти судӣ дар мисоли Суди Олии ду ҷумҳуриҳои бо ҳам бародар – Тоҷикистон ва Россия, ки дар як низоми ҳуқуқии Давлати Шӯравӣ қарор доштанд, ҳам аз нуқтаи назари илм ва таҷриба мубрам арзёбӣ мегардад. Барои иҷрои масъалаи гузошташуда мувофиқи мақсад мебуд, агар ба инъикоси марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди мақомоти олии ҳокимияти судии Тоҷикистон ва Россия муроҷиат намоем ва дар ин раванд дар як вақт махсусиятҳои ташаккул, фаъолият ва масъалаҳои ташаккули ҳокимияти судиро дар умум ошкор созем. Ҳангоми чунин муносибат, инчунин табиати омилҳое, ки дар фазои рушди даврони шӯравӣ ва пасошӯравии ин давлатҳо ба ташаккули ҳокимияти судӣ

хусусиятҳои махсус мебахшанд, бояд мавриди таҳлил қарор дода шаванд. (саҳ. 23)

Муаллиф дар боби мазкур ташаккул ва инкишофи Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россияро ба мазмуни томаш ба ду давра ҷудо намудааст: давраи шӯравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ. Дар доираи ин давраҳо муаллиф давраҳои фосилавиро тақсимбандӣ намудааст.

Дар боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Таҳлили муқоисавии заминаҳои ҳуқуқии амалкунандаи ташкил ва фаъолияти Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия» баррасӣ гардидааст. Дар ин қисмати рисола муаллиф ба асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва принсипҳои ташкил ва фаъолияти Судҳои Олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, ҳамчунин салоҳияти онҳо диққати ҷиддӣ додааст. Дар иртибот бо асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Судҳои Олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия муаллиф тазаккур додааст, ки муроҷиат ба асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, масоили дарки он ва татбиқи онҳо дар ҳаёт аз муносибати пай дар пай ва маърифатпарварона нисбати ғояҳо ва талаботҳои нави замон шаҳодат медиҳад. Дар сарчашмаҳои илмӣ дар соҳаи фаъолияти судӣ одатан асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқиро ҳамчун принсипҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти судӣ, асосҳои демократии адолати судӣ ном мебаранд. Ҳамчунин, ӯ қайд менамояд, ки мо дидаву дониста барои муайян намудан ва аниқ кардани масъалаҳои асосии ташкили Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таъинот, функсияҳо ва ташаккул) ифодаи «асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ»-ро истифода мебарем, ки ин албатта аз рӯи мазмун ва доираи фарогирӣ назар ба принсипҳои ташкил ва фаъолияти низоми судӣ ва ё мақомоти судӣ васеътар арзёбӣ мегардад. Мубрамияти масъалаҳое, ки ба асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии таъинот, функсияҳо ва ташаккули Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазиранд, пеш аз ҳама, бо он мубрамияте, ки илми ҳуқуқӣ нисбати асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил,

фаъолият ва ё муносибат пешниҳод месозад, алоқаманд мебошад. (саҳ. 77)

Боби сеюми рисола бошад, ба таҳлили масъалаҳои «Сохтор, таркиб ва ҷанбаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» бахшида шудааст. Муаллиф ба масъалаи сохтори Судҳои Олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия диққат дода, иброз менамояд, ки «бояд қайд намуд, ки Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мақоми олии ин давлатҳо ба ҳисоб рафта, мавқеи бартаридоштаи ҳуқуқиро дар низоми судии ин давлатҳо ишғол менамоянд, ки ин дар навбати аввал аз ваколатҳое, ки дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудаанд, бармеояд. Масалан, ҷиҳати иҷрои вазифаҳои конститутсионии худ парвандаҳоро ба сифати кассатсионӣ, бо тартиби назоратӣ дар бораи конститутсионӣ будани қонуни татбиқшуда оид ба парвандаҳои мушаххас ба Суди конститутсионӣ муроҷиат намудан, таҷрибаи судиро ҷамъбаст ва омори судиро таҳлил намудан, ба судҳо доир ба масъалаҳои татбиқи қонунҳои амалкунанда, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои судӣ ба миён меоянд, тавзеҳоти дастурӣ додан, дар доираи салоҳияташ масъалаҳое, ки аз шартномаҳои байналмилалӣ басташудаи ин давлатҳо бар меоянд ҳаллу фасл намуданашонро дар низоми судӣ нисбат диҳем». (саҳ. 159)

Аз муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бар меояд, ки муаллиф тавонистааст, таҳқиқоти мукаммал ва пурраро нисбати масъалаи баррасишаванда анҷом дода, андешаҳои худро нисбати дурнамои рушд ва устувории ташкил ва фаъолияти Судҳои Олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия баён намояд.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.** Дар рисолаи илмии Абдуллозода Ф.Н. дар қатори паҳлуҳои мусбӣ ва дастовардҳои нави илмӣ ҳамчунин мумкин аст, ки бо баъзе масъалаҳои баҳснок рӯ ба рӯ гардид. Аз қабили:

1. Нисбати нуқтаи 6-уми ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки вобаста ба ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ баён гардидааст, муаллиф зикр намудааст, ки дар доираи ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ минбаъд бояд масъалаи мувофиқи мақсад будани муттаҳидсозии Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шавад. (саҳ. 15) Аммо, муаллиф масъалаи муттаҳидсозии ин ду мақоми судиро ба таври пурра равшан накардааст. Аз ин рӯ, агар аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи номбурда фарохтар асоснок карда мешуд ба манфиати амалия мебуд.

2. Дар робита ба нуктаи 11-уми ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки аз ҷониби муаллиф ба Суди Олӣ ҳамчун мақоми олии ҳокимияти судӣ додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ масъалагузорӣ шудааст (саҳ. 19), чунин ба назар мерасад, ки муаллиф асосноккунии иловагии масъаларо зарур нашуморидааст. Ҳарчанд, ки масъалаи мазкур дар бандҳои дигар рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ ифода ёфтаанд, вале зимни пешниҳод махсус ин асосҳо номбар мешуданд боз сифати пешниҳод хубтар мегашт.

3. Боби сеюми рисола таҳти унвони «Сохтор, таркиб ва ҷанбаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» номгузорӣ шудааст, ки дар он ибораи ҷанбаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ ҷолиби диққат аст. Равшан аст, ки суд ҳамчун шохаи ҳокимияти давлатӣ сиёсати давлатиро дар самти таъмини адолати судӣ иҷро менамояд. Аммо дар баробари ин ташаккули ҳар як мақомоти давлати ҳуқуқӣ аз унсурҳои муайяни ҳуқуқӣ ва сиёсие иборатанд, ки дар радифи таркиббандии сохторҳои он ҳамчун ҷузъи мустақили низоми ҳуқуқӣ ва ё низоми сиёсии кишвар муаррифӣ мегарданд. Дар ин масъала ба назари мо тамоюли илмии таҳқиқоти илмии муаллиф равшан нашудааст.

4. Муаллиф дар боби сеюм таваҷҷуҳи бештар ба ҳокимияти судӣ додааст, ки ин хуб аст, вале дар баробари ин таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои сохтор, таркиб ва дурнамои рушди Судҳои Олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро нисбатан маҳдуд кардааст. Бо

ҳамин мазмун, дар доираи ин боби таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф агар реҷаи мувозанати таҳқиқоти масъалаҳои дахлдори Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар ҳама бандҳои ин боб риоя мекард, мазмуни кор баландтар мегашт.

5. Дар зербоби 2-юми боби 2-юми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба масъалаи айният ва фарқияти салоҳияти Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия бахшида шудааст, муаллиф мафҳум ва моҳияти салоҳияти Суди Олиро чун мақоми олии ҳокимияти судӣ ба таври пурра равшан накардааст. Хуб мешуд дар рафти дифои рисолаи илмӣ ба ин масъала рӯшноӣ меандохт.

Дар маҷмӯъ, эродҳои номбаршуда ба сифати кор таъсир нарасонда, аксаран дидгоҳи алтернативиро дар баррасии масъалаҳои илмӣ масъалагузорӣ менамоянд, ки эътироф ва ё радди онҳо ба усули таҳқиқот ва раъйи илмии муаллиф вобастаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола.** Натиҷаҳои илмии бадастовардаи рисолаи мазкур ифодаи худро қисман дар таҳияи барномаҳои ислоҳоти судӣ– ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ ёфтанд ва дар амалияи судӣ мавриди истифода қарор доранд. Инчунин маводи рисолаи мазкурро метавон ҳангоми мукаммалгардонии 20 қонунгузории соҳавӣ, ки ташаккулёбӣ ва фаъолияти судҳоро танзим менамояд, мавриди истифода қарор дод. Хулоса ва пешниҳодоти амалии рисолаи мазкур, ки аз таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқӣ бармеояд, имконият медиҳад, ки амсила ва консепсияҳои такмилсозии минбаъдаи фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард карда шавад. Маводи рисолаи мазкурро дар раванди таълим, яъне ҳангоми омӯзиши фанни таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таърихи ҳуқуқи инсон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ, курсҳои махсуси таърихи ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон, стандартҳои байналмилалии муҳокимаи одилонаи судӣ, механизми судии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ғайра мавриди истифода қарор дод.

**Мувофиқати автореферат ба мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Автореферати диссертатсия ба мазмун ва муҳтавои рисолаи илмии муаллиф комилан мувофиқ аст. Дар автореферати диссертатсия фишурда ва натиҷаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ инъикос ёфтааст.

**Баҳои ягонаи дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масоилҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ягонагӣ ва умумияти дохилӣ дошта, усулҳои истифодабурда сифати рисоларо баланд бардоштааст. Таҳқиқоти мазкур аз аввалин таҳқиқотҳои илмӣ-ҳуқуқӣ дар шароити муосир ба шумор рафта, ба сатҳу сифати рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро мумкин аст, ки илми ҳуқуқии муосир ба таври васеъ истифода намуд, ки маҳсули заҳмати муллиф дар ин самт мебошад.

**Тасдиқи нашри нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.** Паҳлуҳои асосӣ ва муҳтаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар як қатор конфронсҳо ва мизҳои мудаввар маърӯза гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Фарҳод Нусратулло дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)» ба бандҳои 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд. Рисола таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, мувофиқ ба ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад. Ҳамин тариқ, муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ Абдуллозода Фарҳод Нусратулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи

ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон дар семинари илмӣ-назариявӣ аз таърихи 4 феварали соли 2020, протоколи №3 омода шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Протоколи кафедра №6 аз 28 феврали соли 2020.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ номзади илмҳои ҳуқуқукшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқукӣ** **Хайруллоев Ф.С.**

**Эксперт оид ба диссертатсия номзади илмҳои ҳуқуқукшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқукӣ, мудири кафедра** **Эльназаров Д.Х.**

**Котиби семинари илмӣ-назариявӣ номзади илмҳои ҳуқуқукшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқукӣ** **Тулиев И.Р.**

**Имзои Эльназаров Д.Х., Хайруллаев Ф.С. ва Тулиев И.Р. тасдиқ мекунам.**
**Раиси шӯбаи кадрҳо** **Алиев А.Д.**

734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, улица М.Турсун-заде, 30
Тел.: (+992 37) 221 35 50
http://www.rtsu.tj; rtsu-1996@mail.ru